# аз 02.03.2023, №3250/13.1-Д

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 106 Кодекси андоз Тартиби пешбурд ва шартҳои махсус барои иҷрои уҳдадориҳои андозие, ки дар муҳлати муқарраршуда иҷро нашудаанд, бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 12 октябри соли 2022, №19-ф тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2022, №1202 ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) ҷойгир карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки тибқи банди 9 Тартиб барои мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо аз ҷониби мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда бояд ҳуҷҷатҳои дахлдор (парвандаи назоратӣ) ба Кумитаи андоз дар шакли хаттӣ ва (ё) электронӣ пешниҳод карда шаванд.

Тибқи зербанди 1) банди 9 Тартиб дар сурати бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муфлис эътироф шудани андозсупоранда, мақомоти ҳудудии андоз уҳдадор аст ба Кумитаи андоз ҳуҷҷатҳои зеринро (парвандаи назоратӣ) дар шакли хаттӣ ва (ё) электронӣ пешниҳод намоянд:

- санади судӣ дар бораи ба истеҳсолоти суд қабул гардидани парванда оид ба муфлисшавӣ;
- ҳалномаи суд дар бораи муфлис эътироф намудани андозсупоранда;
- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;
- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, нусхаи қарорҳои мақомоти андоз оид ба татбиқи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз, маълумотномаи Нозироти андоз ва Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» (минбаъд – КВД

«Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул») оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани маблағи қарзи андозҳо.

Ҳамзамон, мутобиқи зербанди 4) банди 9 Тартиб бошад, ҳангоми дар кофтукови ҷиноятӣ ё дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва (ё) муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ), мақомоти ҳудудии андоз уҳдадор аст ба Кумитаи андоз ҳуҷҷатҳои зеринро (парвандаи назоратӣ) дар шакли хаттӣ ва (ё) электронӣ пешниҳод намоянд:

- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;

- санад (қарор)-и мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди дар кофтукови ҷиноятӣ қарор доштани шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ, роҳбар ва муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ) ва (ё) маълумотнома аз бюрои суроғавӣ – маълумотдиҳии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нусхаи санади судӣ (ҳукм) оид ба маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ ё роҳбар ва (ё) муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ);

- нусхаи огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозҳо, нусхаи қарорҳои мақомоти андоз оид ба татбиқи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз, мактуби ташкилоти қарзии молиявӣ ва (ё) нозироти андоз оид ба надоштани суратҳисоби бонкӣ ё қатъ гардидани он, маълумотномаи КВД «Бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул» оид ба надоштани молу мулки ғайриманқул;

- хулосаи мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда дар хусуси мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳо.

Бо назардошти ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади мушкилситон эътироф намудани қарзи андозҳои андозсупорандагони муфлисшуда ва дар кофтукови ҷиноятӣ ё дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарордошта, ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардидаро (парвандаи назоратӣ) омода намуда, ба Кумитаи андоз дар ҳомили қоғазӣ ва (ё) электронӣ пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки оиди корҳои анҷом додашуда нисбати қарзҳои зикргардида, тибқи шакли муқарраргардида ҳар моҳ то санаи 1-уми моҳи минбаъда ба Кумитаи андоз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Раис Давлатзода Н.М.